*Ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA – 12*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ,1/2)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12. «Иқтисодиёти меҳнат».**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ шуғли пурмаҳсул шакли муҳими низоми шуғл ба ҳисоб рафта, ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ, нерӯи инсонӣ ва ба даст овардани зиндагии шоистаи мардуми кишвар баромад менамояд. Воқеият яқинан собит менамояд, ки дар замони муосир рушди муносибатҳои бозорӣ унсурҳои низоми шуғлро куллан тағйир дод ва барои бавуҷуд омадани равияҳои нав дар соҳаи сиёсати шуғл, хусусан таъмин намудани боздеҳи пурмаҳсули аҳолии дар иқтисодиёт машғул заминаи илмӣ гузоштааст.

Бахусус тақвият бахшидани корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дарҷ гардидааст. Дар ин ҷода мувофиқи Консепсияи мазкур, масъалаи арзёбии шуғли пурмаҳсул ҷанбаи муҳими корҳои илмӣ – таҳқиқот дар соҳаи шуғли аҳолӣ мебошад.

Дар автореферати диссертатсияи Назарзода Н. Н. ба таври мукаммал асосҳои назариявӣ ва методии баҳодиҳии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат дарҷ шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф муҳтавои шуғли пурмаҳсулро аз нигоҳи иқтисодӣ муаррифӣ карда, изҳори ақида менамояд, ки таъмини шуғли пурмаҳсул на танҳо маънои қонеъ гардонидани аҳолии дар иқтисодиёт фаъол бо ҷои корӣ, инчунин ба корманд имконият пайдо шавад, ки натиҷаҳои илму инноватсияро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ истифода бурда барои ба даст овардани ҳосилнокии меҳнат комёб гардад ва ниҳоят музди лоиқ ба даст оварад, ки ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аъзоёни оилаи ӯ мусоидат намояд.

Масъалаи муҳими таҳқиқот, ки дар автореферат инъикос гардидааст ин баҳодиҳии миқдорӣ ва таҳлили шуғли пурмаҳсул дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар ин бобат метавон гуфт, ки муаллиф бо як қобилияти хос ва баланд як қатор усулҳои муосири таҳлилро истифода бурда, собит кардааст, ки динамикаи тағйироти сохтории аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар давраи таҳлилшавандаи 2014 - 2020 он қадар назаррас намебошад. Яке аз бартарияти

таҳқиқот, ки дар автореферат дарҷ шудааст ин тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ нишондиҳандаҳои сатҳи шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, рейтинги ҷойгиршавии онҳо аз рӯи сатҳҳои баланд, миёна ва паст ҷудо карда шудааст.

Маврид ба зикр аст, дар баробари бартарият, инчунин дар автореферати тақризшаванда мумкин аст эрод гирифт, ки инҳоянд:

1. Дар автореферат дар бораи тамсилаи омилии сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул қайд гардидааст. Агар муаллиф дар назардошти имконият мазмуни иқтисодии тамсилаи таҳиягардидаро ба таври муфассал шарҳ медод, он гоҳ сифати таҳқиқот дар автореферат боз ҳам пурмуҳтаво мегардид.
2. Маълумот оид ба натиҷаи дурнамои арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи баррасишаванда дар автореферат пешниҳод нагардидааст.
3. Дар автореферат хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Эродҳое, ки дар боло дарҷ гардидаанд, аслан характери тавсиявӣ дошта, эътибори авторефератро коҳиш намедиҳад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мазкур кори илмию тахасусии баитмомрасида ба шумор рафта, зимнан ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва ба муаллифи он - Назарзода Н.Н. барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 Иқтисодиёти меҳнат сазовор дониста мешавад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1, тел.: (+992) 342223594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, професссор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқуловичро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС